Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ширишоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ буда, ҳамчун як комплекси мураккаб ва бахши муҳимми бозори кишоварзӣ шаҳрвандони кишварро бо маҳсулоти муҳимтарини озуқаворӣ таъмин менамояд, ки бар замми ин дорои сатҳи баланди арзиши ғизоӣ ва парҳезӣ мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки «Тавсия додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар» аз афзалиятҳои махсуси комплекси агросаноатии кишвар маҳсуб меёбад. Таъмини дастрасӣ ва кифоятии хӯрокворӣ, ба маънои муайян ба ҳаҷми маҳсулоти чорво, ки истеҳсоли саноатии маҳсулоти парандапарвариро бо риояи тамоми занҷираи технологӣ дар бар мегирад, вобаста аст. Дар татбиқи он парандапарварии саноатӣ нақши муҳим мебозад, ки он маҳсулоти пурарзиши хӯроки парҳезӣ медиҳад, ки тамоми равандҳои технологиро аз такрористеҳсоли паранда то истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти тайёр, дар бар мегирад. Парандапарварӣ ҳамчун як соҳаи интенсивӣ ба истеҳсолкунанда имкон медиҳад, ки тамоми сол аз захираҳои молиявӣ, моддӣ, техникӣ, меҳнатӣ ва амсоли инҳо истифода баранд.

Муаллиф иброз намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ, ки соҳаи парандапарварии саноатиро муаррифӣ мекунанд, дар вақтҳои охир қисман аз ҳисоби дастгирии давлатӣ ва қисман аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии парвариш дар корхонаҳои саноатӣ суръати хуби рушдро нишон доданд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифа гузошта шудааст, ки «Бо мақсади рушди соҳаи парандапарварӣ дар кишвар ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ҷорӣ кардани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо доир ба андоз зарур аст. Дар робита ба ин, соҳаи парандапарварӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқа яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа аз ҳамаи андозу пардохтҳо озод карда шавад». Дар баробари ин тадбирҳои бесобиқаи андешидашуда барои дастгирии соҳа дар як муддати кӯтоҳ самараи калон доданд.

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас нишон дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии

самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барраси карда шудааст. Инчунин вазъи муосири рушди соҳаҳои парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои рушди соҳа таҳлил карда шудааст. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки як қатор тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст, ки онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ бо мақсади таъмини рушди корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасад. Дар боби сеюм "Самтҳо ва дурнамои рушди соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" муаллиф самтҳои тавсияшавандаи дурнамои рушди ин соҳаро пешниҳод намудааст, аммо дар автореферт ба таври ҷиддӣ ва дақиқ таҳлили омилӣ ба роҳ монда нашудааст.

-дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Умуман, камбудиҳои ошкоргардида ба муҳтавои кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонад. Аз автореферат бармеояд, ки кори диссертатсионӣ кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад, ки аз тарафи муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз ин рӯ, кори илмии пешниҳоднамудаи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918-57-92-90**
**E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru**

**«____» ________2023**